**Ба ректори Донишгоҳи**
**давлатии молия ва**
**иқтисоди Тоҷикистон**
**мӯҳтарам Хайрзода Ш.Қ.**

# МОНИТОРИНГ
# ОИД БА РАФТИ ТАТБИҚИ ЛОИҲА

"Ташкили муҳити инноватсионии донишгоҳ дар асоси ҷорӣ намудани раванди Болония" дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар моҳи ноябри соли 2019

**Маълумоти умумӣ:**

Бо мақсади амалӣ намудани Стратегияи миллии рушди соҳаи маориф байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи байналмилалии рушд/Бонки ҷаҳонӣ Созишнома оид ба маблағгузорӣ (гранти №D082-TJ) ва (кредити №5702-TJ) аз 7 августи соли 2015 ҷиҳати маблағгузории Лоиҳаи «Рушди таҳсилоти олӣ» ба имзо расонида шуд.

Дар ин замина, ҷиҳати беҳтар намудани сифати таълим ва мутобиқати он ба бозори меҳнат дар асоси натиҷаҳои озмун барои гирифтани грант байни Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии моолия ва иқтисоди Тоҷикистон Созишномаи грантӣ аз 30.11.2018, № 07/1 ҷиҳати маблағгузории лоиҳаи барномаи грантии озмунӣ «Ташкили муҳити инноватсионии донишгоҳ дар асоси ҷорӣ намудани раванди Болония»

**Мақсад ва вазифаҳои лоиҳа:**

Мақсади лоиҳа ташкил намудани фазои таълимӣ-инноватсионӣ бо дарназардошти азнавсозии стандартҳои таълимӣ, нақшаҳо, барномаҳо, силлабусҳо, китобҳои дарсӣ ва модулҳо дар асоси принсипҳои Раванди Болония, инчунин ҳамгироии таълим, тадқиқот ва ҷорӣ намудани бизнес-ғояҳои инноватсионӣ дар амалияи бизнеси миллӣ мебошад.

Вазифаҳои асосии лоиҳа иборатанд аз:

- Таҳия ва тасдиқи 6 номгӯи стандартҳои таълимӣ ихтисосҳои роиҷи донишгоҳ, нақшаҳои таълимӣ, барномаҳо, силлабусҳо, китобҳои дарсӣ ва модулҳо барои донишҷӯёни ихтисосҳои менеҷменти молиявӣ, менеҷменти инноватсионӣ, иқтисоди ҷаҳон, иқтисод ва идора дар корхонаҳои хурду миёна, таҳлили иқтисодӣ ва технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёт.
- Гузаронидани тренингҳо дар асоси интихоби пешакии номзадҳои шавқманд ва то ҳадде тайёрбуда бо назардошти баробарии гендер.
- Таҳияи 2 номгӯи китоби дарсӣ «Соҳибкории инноватсионӣ» ва «Менеҷменти инноватсионӣ» бо ду забон.
- Ташкил ва баргузории озмуни «Беҳтарин бизнес-ғояи инноватсионӣ» бо назардошти интихоби пешакии донишҷӯён, магистрон ва аспирантони донишгоҳ на кам аз 50 нафар.
- Амалигардонии на кам аз 4 беҳтарин бизнес-ғояи инноватсионӣ дар доираи фаъолияти бизнес-инкубатор, ки дар заминаи лоиҳа таъсис дода мешавад.

- Ташкили на кам аз 2 ширкати нави навовар ва пешкаш намудани на камтар аз 1 мол/хизматрасонии инноватсионӣ ба бозор.

**Қисматҳои лоиҳа/самтҳои асосии фаъолият:**

Компоненти 1 – Такмили барномаҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи ҷараёни Болония дар чаҳорчубаи интихоби бизнес-ғояҳои инноватсионӣ.

Компоненти 2 – Ташкили инфрасохтори муҳити таълимӣ-инноватсионӣ баҳри татбиқ намудани бизнес-ғояҳои инноватсионӣ.

**Муҳлати татбиқи лоиҳа:**

Оғози лоиҳа: 1 декабри соли 2018

Анҷоми лоиҳа: 30 ноябри соли 2020

**Сарчашмаҳои маблағгузории лоиҳа:**

| № | Сарчашмаҳои маблағгузорӣ | Сумма, сомонӣ | % |
|---|---|---|---|
| 1. | Маблағи грант | 2 293 111,00 сомони | 97,1% |
| 2 | Саҳми муассиса | 70 639,00 сомони | 2,9% |
| | **Ҳамагӣ** | 2 363 750,00 сомони | 100% |

**Маблағгузории лоиҳа:**

***Шарҳи кӯтоҳ оид ба маблағгузорӣ:***

**Азхудкунии маблағҳо (то 30.11.2019)**

Дар давоми моҳи ноябри соли 2019 дар ҳаҷми 127708.50 сомонӣ маблағи грант азхуд карда шуд (тибқи нақша 22110 сомонӣ), ки 5,7 баробари нақшаро ташкил медиҳад.

Ҳаҷми умумии маблағҳои азхудкардашуда аз оғози татбиқи лоиҳа ба 917 727,25 сомонӣ баробар аст, ки ин 82,5 %-и нақшаи молиявии аз аввали татбиқи лоиҳа (1106287,0 сомонӣ) пешбинишударо ташкил медиҳад.

Ҳисоботи молиявӣ замима мегардад.

**Ҳолати татбиқи лоиҳа:**

Дар давраи ҳисоботӣ, чорабиниҳои зерин амалӣ гардида, натиҷаҳои зерин ба даст оварда шуданд:

| **№** | **Номгӯи чорабиниҳои нақшавӣ** | **Шарҳи натиҷаҳо** |
|---|---|---|
| **1.** | **Таҳияи стандартҳои таълимӣ барои 6 ихтисос** | Бояд қайд намуд, ки таҳиягарони стандартҳои таълимӣ бо истифода аз маводҳои пешниҳодшудаи гурӯҳи корӣ оид ба татбиқи лоиҳа ва донишҳои дар рафти тренингҳо гирифташудаашон фаъолияти худро дар ин самт ба марҳилаи охирин расонида истодаанд. Стандартҳои таҳияшуда ба мушовирони маҳаллӣ барои баррасӣ ва муҳокима фиристода шуданд. Дар назар аст, ки бо дарназардошти фикру мулоҳизаҳои мушовирони маҳаллӣ |

| | | |
|---|---|---|
| | | ва бо дарназардошти натиҷаҳои аз семинари мушовирон аз Донишгоҳи Тартуи Эстония гирифташуда ва сафари омӯзишии аъзоёни гурӯҳи корӣ аз Академияи гуманитарии Лодзӣ стандартҳои таҳияшуда таҷдиди назар карда шуда, барои тавсия ба Шӯрои олимони донишгоҳ ва баъдан Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои барраси пешниҳод мегардад. |
| 2. | **Таҳия ва тасдиқи нақшаҳои таълимӣ, барномаҳои таълимӣ ва силлабусҳо аз рӯи 6 ихтисос** | Лозим ба ёдоварист, ки дар баробари таҳияи стандартҳо, гурӯҳи таҳиягарон ба таҳияи нақшаҳои таълимӣ, барномаҳо ва силлабусҳо аз рӯи 6 ихтисос машғуланд. Таҳияи маводҳои мазкур низ дар асоси маводҳои пешниҳодшудаи гурӯҳи корӣ оид ба татбиқи лоиҳа, натиҷаҳои тадқиқоти ТҒД АМММ ва пешниҳод ва тавсияҳои мушовирони хориҷӣ ва маҳаллӣ, инчунин аз натиҷаи сафари омӯзишии аъзоёни гурӯҳи корӣ аз Академияи гуманитарии Лодзӣ, инчунин натиҷаи бардошт аз семинари мушовирон аз Донишгоҳи Тартуи Эстония омода мегарданд. Баъди пурра таҳия гардидани ҳуҷҷатҳои мазкур, онҳо низ барои баррасӣ ва тасдиқ ба Шӯрои олимони донишгоҳ барои тавсия ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешаванд. Ҳамаи маводҳои таҳияшаванда ба намуди ҳуҷҷатнигории аврупоӣ мутобиқат карда шуда, намунаи онҳо барои мувофиқа ва тасдиқ ба Маркази таълимӣ-методии ВМИ ҶТ (УМЦ) фиристода мешаванд. |
| 3. | **Сафари омӯзишии аъзоёни гуруҳи корӣ оид ба таҳияи стандартхои таълимӣ ба Академияи Лодзии Ҷумҳурии Польша** | Аз санаи 02 ноябри соли 2019 то 15 ноябри соли 2019 тибқи нақшаи татбиқи Лоиҳа сафари омӯзишии 3-нафар аъзоёни гуруҳи корӣ оид ба тахияи стандартҳои таълимӣ ташкил карда шуд. Вобаста ба сафари мазкур мактуб оид ба иҷозати сафар аз ВМИҶТ ва дигар сохторҳои марбута гирифта шуда, нақшаи сафари хизматӣ, мақсад, супоришхои техникӣ таҳия ва ба аъзоёни гуруҳ супорида шуданд.<br>Аъзоёни гуруҳи корӣ; Роҳбари Лоиҳа- Хайрзода Ш.Қ., мутахассис оид ба |

| | | |
|---|---|---|
| | | мониторинг-Диловаров М. ва таҳиягари стандарти ихтисос-Маъдиев С давоми сафари хизматӣ аз ҷараёни ташкили низоми Болония аз муассисаи мазкур дидан намуда, ҳамзамон вобаста ба таҳияи стандарту барномахои таълимӣ, шакли баргузории лексия ва корҳои мустақилонаи донишҷӯён таҷриба андухтанд. Номбурдагон дар давоми сафари мазкур дар донишгоҳи шарик бо намояндагони қисми таълим, илм, байналмилалӣ ва дигар сохторҳои донишгоҳи зерин якчанд вохӯриҳо гузарониданд, инчунин, ба донишҷӯёни донишгоҳи шарик як дарси кушод низ ташкил намуданд. Ҳисоботи пурраи иштирокчиёни сафари омӯзишӣ ба ВМИҶТ фиристода шуд. Дар асоси ҳисоботи мазкур презентатсия низ таҳия гардид. |
| | **Таҳия ва омода намудани китобҳои дарсии «Соҳибкории инноватсионӣ» ва «Менеҷменти инноватсионӣ» (ба забонҳои русӣ ва тоҷикӣ, чопӣ ва электронӣ)** | Мувофиқи нақшаи татбиқи лоиҳа таҳия ва омода намудани 2 китобҳои дарсӣ ба нақша гирифта шудааст. Барои таҳиягари китоби ҳои мазкур аз тарафи гурӯҳи корӣ супориши техникӣ таҳия гардидааст, ки дар он талаботҳо оид ба сохт, мазмун ва мундариҷаи китобҳои таҳияшуда муайян гардида шудааст. Дар ин масъала аллакай таҳиягар муайян гардида, шартнома ба имзо расидааст. Кор дар ин самт оғоз шудааст. |
| | **Хариди таҷҳизотҳо бобати мустаҳкам намудани пояи моддӣ-техникии донишгоҳ ҷиҳати ташкили инфрасохтори Бизнес-инкубатор** | Барои мустахкам кардани базаи моддӣ-техникии донишгоҳ ҷиҳати ташкили Бизнес-инкубатор эълони тендери хариди таҷхизотҳои техникӣ дар рӯзномаи “Рекламная газета” №38(958) аз 19.09.2019 дода шуд. Баъди пешниҳоди ҳуҷҷатхо аз тарафи ширкатҳои «Хирадмандон», «Шамшоди Неъмат» ва «Мусъаб-1», тибқи талаботи Дастурамал оид ба харид, ки аз тарафи ВМИ ҶТ муайян шудааст, озмун гузаронида шуда, ҶДММ «Хирадмандон» ҳамчун ғолиби озмун муайян гардид ва бо ширкати мазкур шартнома ба имзо расонида шуд. Аллакай ҳамаи таҷҳизоти техникии дар озмун қайдгардида аз тарафи ширкати мазкур ба донишгоҳ |

| | | |
|---|---|---|
| | | оварда шудаанд. Чорабиниҳо оид ба ташкили инфрасохтори Бизнес-инкубатор оғоз гардидааст. Барои амалӣ намудани ин иқдом дар бинои 2-юми донишгоҳ синфхона ҷудо шудааст ва ҳоло аз тарафи лоиҳа он муҷаҳҳаз гардонида шуда истодааст. |

**Мушкилотҳое, ки ба рафти татбиқи лоиҳа таъсири манфӣ расонида истодаанд:**

Мушкилоти асосӣ, ки дар давраи ҳисоботӣ ба рафти татбиқи чорабиниҳои лоиҳа мушкилӣ ба миён овард, ин дар мӯҳлати муқарраршуда ба анҷом нарасидани сафари омӯзишии гурӯҳи кории лоиҳа ба Академияи гуманитарии Лодз мебошад. Сабаби сар задани ҳолати мазкур набудани сафорати Ҷумҳурии Лаҳистон дар Тоҷикистон мебошад. Ба гурӯҳи корӣ барои ҳалли масъалаҳои вобаста ба раводид зарур омад, ки дар мӯҳлатҳои кӯтоҳтарин ду маротиба ба шаҳри Тошканти Ҷумҳурии Ӯзбекистон сафар намоянд.

**Мутахассис оид ба мониторинги лоиҳа** **Диловаров М.**

**03.12.2019**

**Замима ба ҳисобот**

ҲИСОБОТИ МОЛИЯВИИ
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
оид ба лоиҳаи грантӣ (то 1 декабри соли 2019)

| | Дар асл пардохтҳо | | | Маблағҳои ба нақша гирифта | | | Фарқият | | | Маблағи умумии лоиҳа |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Моҳи ҷорӣ** | **Аз аввали сол** | **Аз оғози татбиқ** | **Моҳи ҷорӣ** | **Аз аввали сол** | **Аз оғози татбиқ** | **Моҳи ҷорӣ** | **Аз аввали сол** | **Аз оғози татбиқ** | |
| **Баланси (тавозуни) аввалияи суратҳисоб (А)** | **367 226,25** | **229 311,00** | **229 311,00** | **4 920,00** | **567 921,00** | **572 841,00** | 362306,25 | -338610,00 | -343530,00 | |
| **ВОРИДШАВӢ**: Маблағи грант(1) | | 917 245,00 | 1 146 556,00 | | 917 245,00 | 917 245,00 | - | - | 229 311,00 | 2 293 111,00 |
| Аз дигар сарчашмаҳо (2) | | 10 689,00 | 10 689,00 | | 7 063,00 | 7 063,00 | - | 3 626,00 | 3 626,00 | 70 639,00 |
| **ҶАМЪ B=(1+2)** | **-** | **927 934,00** | **1 157 245,00** | **-** | **924 308,00** | **924 308,00** | **-** | **3 626,00** | **232 937,00** | **2 363 750,00** |
| **ҲАМАГӢ (A+B)** | **367 226,25** | **1 157 245,00** | **1 157 245,00** | **4 920,00** | **1492229,00** | **1 497 149,00** | **362 306,25** | **-334984,00** | **-110593,00** | **2 363 750,00** |
| **ИСТИФОДАИ МАБЛАҒҲО (С)** | | | | | | | | | | |
| **1. ТАҶҲИЗОТ ВА МАВОД** | **-** | **303 427,27** | **303 427,27** | **-** | **487590** | **487 590,00** | **#ЗНАЧ!** | **-184162,73** | **-184162,73** | **686 340,00** |
| 1.1. Мебел | - | - | - | | | | | | | 101 400,00 |
| 1.2. Компютерҳо ва технологияи иттилоотӣ | | 269 939,00 | 269 939,00 | | 457 380,00 | 457 380,00 | | -187441,00 | -187441,00 | 525 800,00 |
| 1.3.Лабаратория и бонки таълимӣ | | | | | | | | | | |
| 1.4. Таҷҳизотҳои лабораторӣ | | | | | | | - | - | - | - |
| 1.5.Таъминоти барномавӣ ва захираҳои электорнӣ | | 10 345,27 | 10 345,27 | | 20 040,00 | 20 040,00 | - | -9 694,73 | - 9 694,73 | 20 040,00 |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1.6.Маводи конселярӣ | | 23 143,00 | 23 143,00 | | 10 170,00 | 10 170,00 | - | 12 973,00 | 12 973,00 | 39 100,00 |
| 1.7. Таъмири хурд | | | | | | | - | - | - | |
| **2. ШАРИКИ ВА КӮМАКИ ТЕХНИКӢ** | **122 788,50** | **447 454,59** | **447 454,59** | - | **423 582,00** | **423 582,00** | **122 788,50** | **23 872,59** | **23 872,59** | **1 056 124,00** |
| 2.1.Хизматрасонии машваратӣ (берунӣ ва дохилӣ) | 71 584,50 | 343 031,59 | 343 031,59 | | 355 337,00 | 355 337,00 | **71 584,50** | **-12 305,41** | **-12 305,41** | 517 527,00 |
| 2.2.Семинарҳо, тренингҳо ва коференсияҳо | 51 204,00 | 104 423,00 | 104 423,00 | | 68 245,00 | 68 245,00 | **51 204,00** | **36 178,00** | **36 178,00** | 538 597,00 |
| **3. САФАРҲОИ ТАЪЛИМӢ ВА ШИНОСОӢ** | - | 107 173,79 | 107 173,79 | | 118 095,00 | 118 095,00 | - | **- 10 921,21** | **-10 921,21** | **177 143,00** |
| **4. ИДОРАИ ЛОИҲАИ ГРАНТ** | 4 920,00 | 59 040,00 | 59 040,00 | 4 920,00 | 54 120,00 | 59 040,00 | - | **4 920,00** | - | **118 080,00** |
| **5.ЧОПИ МАВОД** | | | | | 16 900,00 | 16 900,00 | - | **-16 900,00** | **- 16 900,00** | **314 243,00** |
| **6. ХАРОҶОТҲОИ ДИГАР** | | 631,60 | 631,60 | | 6 000,00 | 6 000,00 | - | - 5 368,40 | - 5 368,40 | **11 820,00** |
| **ҲАМАГӢ МАБЛАҒИ ИСТИФОДАШУДА (С)** | **127 708,50** | **917 727,25** | **917 727,25** | **4 920,00** | **1106287** | **1 111 207,00** | **#ЗНАЧ!** | **-164687,16** | **-169607,16** | **2 363 750,00** |
| **Баланси ниҳоии суратхисоб (Д)** | **239 517,75** | **239 517,75** | **239 517,75** | **22 110,00** | **924 308,00** | **924 308,00** | 217 407,75 | -684790,25 | -684790,25 | |
| **ҲАМАГӢ баланс (А+В)=(С+Д)** | **367 226,25** | **1 157 245,00** | **1 157 245,00** | | | | | | | |

Ҳамоҳангсози лоиҳа Сафаров Б.Г.

Муҳосиби лоиҳа Ғафорӣ А.С.